ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи " Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна ба таҳқиқ ва омӯзиши унсурҳои забони омиёна дар ашъори шоири маъруф Ашур Сафар бахшида шудааст. Саҳми адибон дар ганӣ гардондани таркиби луғавии забони адабии тоҷик назаррас аст. Унсурҳои забони омиёна (вожаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ) яке аз захираҳои боэътимоди забони адабӣ маҳсуб мешавад. Адибон дар асарҳои худ аз ин неъмати бебаҳо бамаврид ва самаранок истифода мебаранд. Вожаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ халқияти забони асарро таъмин намуда, ба муассирӣ, образнокӣ ва барои фардӣ намудани забони персонажҳои асарҳои бадеӣ замина мегузоранд, Онҳо дар аксар мавридҳо нисбат ба муродифоти адабиашон дар тасвиру инъикоси мафҳуму лаҳзаҳо бартарӣ доранд.

Дар самти омӯзишу таҳқиқи унсурҳои забони омиёна дар ашъори шоири маъруф Ашӯр Сафар ҳанӯз таҳқиқотҳо кам ба назар мерасанд. Бинобар ин, таҳқиқоти Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна яке аз таҳқиқоти аввалин аст, ки дар он вижагиҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйиро, ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби худ фарқ карда, дар гуфтор оҳангу тобишҳои киноявиро равшантар, барҷастатар инъикос менамоянд ва онҳо аз рӯйи мазмуну мухтавояшон дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин рисолааш муҳаққиқ вижагиҳои забони ашъори ин шоири мумтозро, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, ба риштаи таҳқиқ кашидааст..

Ҳамзамон, зарурати омӯзиши вожаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар муқоиса бо забони адабӣ аз он чиҳат муфид аст, ки онҳо узван бо ҳам алоқаманд буда, дар иртиботи якдигар инкишоф меёбанд ва таъсири мутақобилаи онҳо вобаста ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи

таърихии ҳаёти халқ сурат мегирад. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷанбаҳои мухталифи унсурҳои забони омиёна имкон медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун муаррифӣ шавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагиҳои савтию маъноӣ ва услубии унсурҳои забони омиёна маҳсуб мешавад. Инчунин муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳлили маводи унсурҳои забони омиёна ашъори Ашӯр Сафарро ба мардум муаррифӣ намояд.

Ҳамзамон дар диссертатсияи мазкур вижагиҳои фардию маъноӣ ва услубии унсурҳои забони омиёна ва категорияҳои луғавии он ба монанди муродифоти фразеологӣ, таъбирҳои зидмаъно, ҳамгунҳои фразеологӣ, фразеологизмҳои сермаъно ва воҳидҳои фразеологии изофӣ ва воҳидҳои фразеологии феълӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори Ашӯр Сафар, ки барои забоншиносии муосир басо муҳим ва айнизамонӣ аст, таҳлил карда шудааст.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи хусусиятҳои савтӣ ва луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ, ки дар ашъори Ашӯр Сафар, ки то айни замон омӯхта нашудааст, бори аввал мавриди таҳқиқи амиқу муфассал ва ҳаматарафа қарор дода шудаанд ва натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи унсурҳои забони омиёна ва фразеологияро мавриди тадқиқ қарор доданианд, ҳамчун маводи пуррарзиш хизмат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ” аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундаричаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла, 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна "Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна "Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи

Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси мукарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

-Шокиров Туғрал Сироҷович-доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

-Юсупов Абдулло Исмоилович - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад,

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н. Ш.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Ҳамидов Д. Р.